**ВАЗОРАТИ КОРХОИ ДОХИЛИИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН**
**АКАДЕМИЯ**

# ЛЕКСИЯ
## Аз фаннӣ ҳуқуқи гражданӣ
## Мавзуӣ№7: Уҳдадориҳои нақлиётӣ.

**вакт 3 соат:**
**лексия 2-соат:**
**семинар 1-соат:**

**Дар ҷаласаи кафедраи фанҳои ҳуқуқи гражданӣ муҳокима ва тасдиқ шудааст.**
**Протокол №__аз ____________________**

**Душанбе – 2018**

**Нақшаи лексия:**

**С1 Мафхум ва батанзимдарории ухдадорихои наклиёти.**

С2. **Ухдадории хамлу накли бор.**

**С3. Хусусиятҳои намудҳои алоҳидаи шартномаи ҳамлу нақли бор.**

Адабиёт:


1. Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.10.1994
2. Ҳуқуқи граждані, қисми қ. 1(Дар зери таҳрири д.и.ҳ., профессор М.А.Маҳмудов). – Душанбе: «ЭР-граф», 2007
3. Ҳуқуқи граждані, қисми 2 (Дар зери таҳрири д.и.ҳ., профессор М.А.Маҳмудов). – Душанбе: «ЭР-граф», 2007
4. Муртазоқулов Ҷ.С. Ҳуқуқи граждані (Маҷмӯаи масъалаҳо дар ду қисм), қисми 2. – Душанбе, 2008
5. Кодекси граждании Ҷумҳури Тоҷикистон қ. I- аз 30 -уми – уми июни соли 1999
6. Кодекси граждании Ҷумҳури Тоҷикистон қ. II аз11 - уми моҳи декабри соли 1999
7. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қ. 3- ум аз 1 – уми марти 2005 – ум сол
8. Коментарий к гражданскому кодексу РФ часть I Москва 1998г.
9. Коментарий к гражданскому кодексу РФ часть II Москва 1998г.

**Чс1. Мафхум ва батанзимдарории хукукии ухдадорихои наклиётӣ.**

**Ухдадорихои наклиёти дар хукуки граждани чунин навъи ухдадорихое мебошад, ки аз хамлу накли бор, багоч ва мусофиркашони ба вучуд омада, дар асоси шартномаи хамлу накл анчом дода мешавад.**

Хусусияти шартхои хамлу накли бор, багоч ва мусофиркашони тавассути наклиёти алохида, инчунин масъулияти атрофхо оид ба чунин хамлу накл, агар дар КГ ЧТ, оинномахо ва кодексхои наклиёт, дигар конунхо ё коидахои дар асоси онхо ирсолшуда тартиби дигаре пешбини нагардида бошад, мувофики созишномаи тарафхо муаян карда мешавад.

Хусусияти ухдадорихои наклиёти дар он зохир мешавад, ки низоми наклиётии Ч Т аз нигохи муомилоти граждани ба тартиб дароварда шуда, онро ба талаботи хизматрасонии наклиёти мувофик месозад. **Ба низоми миллии наклиётии Ч Т инхо дохил мешаванд: наклиёти рохи охан, дарёи, автомобилгард ва хавои. Наклиёти кубургузар ба ин низом дохил**

Аз конунхои махсусе ки м. 579 КГ пешбини кардааст, Конуни ЧТ «Дар бораи наклиёт» аз 29-уми ноябри соли 2000-ро номбар кардан лозим аст, ки муносибатхои байни боркашонхо ва мизочонро ба тартиб медарорад. Муносибатхоеро, ки аз хамлу накли багоч ва мусофиркашони ба вучуд меоянд, Конуни ЧТ «Дар бораи химояи хукуки истеъмолкунандагон» низ ба танзим медарорад.

Дар низоми манбахои ухдадорихои наклиёти фармонхои Президенти ЧТ, Карорхои Хукумати ЧТ ва дигар санадхои хукукии зерконуни мавкеи махсусро ишгол менамоянд.

Инчунин дар манбахои зикршуда дар солхои охир, бинобар васеъ шудани фааъолияти байналмилалии иктисодии ЧТ мавкеи созишнома ва конвенсияхои байналмилалии сохаи наклиёт баланд шуда истодааст.

**ЧС2. Ухдадории хамлу накли бор.**

**Ухдадории хамлу накли бор аз шартнома ба вучуд меояд. Тибки шартномаи хамлу накли бор боркашон вазифадор аст, ки бори аз чониби борфиристанда ба у боваршударо ба махалли тайинот расонад ва онро ба шахси барои гирифтани бор ваколатдор (боргиранда) супорад ва борфиристанда бошад, ухдадор мешавад, ки барои хамлу накли бор музди муаяншударо ба боркашон пардохт намояд.**

Бастани шартномаи хамлу накли бор бо тахияи борномаи наклиёт, коносамент ё дигар хуччатхое, ки дар оинномахои наклиёт ё кодексхо мукаррар шудаанд, тасдик карда мешавад (м. 805 КГ).

**Аз мафхуми зикркардашуда бармеояд, ки шартномаи хамлу накли бор дутарафа ва музднок мебошад.** Вай аз лахзаи аз чониби борфиристанда супоридани бор ба боркашон басташуда эътироф мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки ин шартнома ба гурухи шартномахои реали дохил мешавад. Факат дар наклиёти бахри шартномаи хамлу накли бор, ки хамчун шарномаи фрахт ё чартер маълум аст, ки аломати консенсуали дорад.

**Шартномаи хамлу накли бор - шартномаи расми буда, хама вакт дар шакли хатти бо риояи катъии талаботи конунгузори ба имзо расонида мешавад.**

**Илова бар ин, шартномаи** хамлу накли бор характери оммавӣ дорад

Вобаста аз намуди хуччате, ки хамлу накли борро ифода мекунад, чунин номгуи онхоро дидан мумкин аст.

1) барномаи наклиёт, ки дар тамоми намуди наклиёт истифода карда мешавад;

2) коносамент;

3) хуччатхои чартер, ки одатан дар наклиёти бахри истифода мешавад. Дар баъзе мавридхо ин номгуи хуччатхо якчоя ба расмият даровaрда мешавад. Тартиби бастани шартномаи хамлу накли бор аз табиати хамлу накл вобастаги дорад. Бастани ин шартномаи реали ба лахзаи аз чониби борфиристанда ба боркашон супоридани бор бо хуччатхояш алокаманд аст. Агар шартномаи чартери бошад, он гох меъёрхои м. 807 КГ татбик мешавад. Тибки шартномаи чартер яке аз тарафхо (кироягиранда) ухдадор мешавад, ки ба таври пулаки пурра ё як кисми хамлу накли бор, як ё якчанд васоити наклиётро як ё якчан сафар чихати хамлу накли мусофир, бор ва багоч чудо кунад.

**Шартномаи хамлу накли бор вобаста аз намудхои наклиёт ба шартномаи хамлу накл бор дар наклиёти рохи охан, автомобили, дохилиоби бахри ва хавои чудо мешаванд. Аз руи аломати минтакави бошад, шартномаи дохили давлати ва байналмилали мавчуд мебошанд.**

**Субъектони ухдадории хамлу накли бор боркашон ва борфиристода мебошад.** Борфиристода хамагуна субъекти хукуки граждани шуда метавонанд. Баръакс, боркашон бошад, чунин ташкилоти наклиёти ё сохибкори инфироди мебошад, ки мувофики конун ё ичозатнома хукуки хамлу накли борро дорад. Бинобар ин, ашхосе, ки ичозатнома дошта ба фаъолияти сохибкори дар сохаи наклиёт машгул нест, боркашон эътироф намешавад. Дар мавриде, ки ташкилоти наклиёти ё сохибкори имфироди бе ичозатнома ба фаъолияти сохибкори машгул мебошанд, аз ухдадорихои хамлу накли бор озод намебошад. Дар холати чавобгарии хукуки бошад хамчун сохибкори боркашон эътироф карда мешаванд.

Барои хамлу накли бор музд тибки шартномаи хамлу накли бор макаррар карда мешавад. Партохт барои хамлу накли бор дар наклиёти истифодаи умум дар асоси тарифе, ки тибки тартиби мукаррарнамудаи оинномахо ва кодексхои наклиёт тасдик гардидаанд, муайян карда мешаванд. Кор ва хизматрасонихои тибки талаби моликони бор анчомдодашуда, ки дар тариф пешбини нагардидаанд, мувофики созишномаи тарафхо пардохта мешаванд.
Агар дар конун тартиби дигаре пешбини нагардида бошад, боркашон хукук дорад бори чихати хамлу накл ба у супоридашударо барои таъми пардохти хамлу накл ва дигар пардохтхои халу накли бор(м. 388-389 К Г ) нигох дорад.

Дар муносибатхои хамлу накли бор боргиранда бо борфирисанда як шахси набуда, дар чараёни бастани шартномаи хамлу накли бор иштирок накарда, бовучуди ин сохиби хукукхои муайян гардида, дар назди боркашон ухдадорихои муайяне низ доранд. Дар ин холат боргиранда хамчун субъекти махсуси ухдадориихамлу накли бор дониста мешавад. Вай шахси сеюме мебошад, дар ичроиши дахлдори ухдадории наклиёти ба манфиати у равона гардидаааст. Боргиранда гарчанде, ки шахси мустакили шартномаи хамлу накли бор ва дар нисбати боркашон тараф набошад хам, вале тамоми кушишу гайрати тарафхои шартнома ба манфиати у равон шудааст. Бинобар ин, шартномаи хамлу накли бор-ин шартнома ба манфиати шахси сеюм мебошад.

Предмети шартномаи мазкур хизматрасонии боркашон оиди бекамукост ба чои тайиншуда расонидани бори ба у боваркардашуда мебошад. Хизматрасонии боркашон на танхо аз расонидани бор, инчунин масоили нигахдории бор, супоридани он ва дар бисёр мавридхо борбардори (борфарори)- ро низ дар бар мегирад.
Дар муносибатхои хамлу накли бор аз руи шартнома мухлати ба махалли таъиншуда расонидани бор ахамияти хоса дорад. Мухлати халму накли бор гуфта чунин фосилаи вактро меноманд, ки дар давоми он бор ба махалли

таъиншуда бояд интикол дода шавад. Мувофики м. 812 КГ боркашон вазифадор аст, ки хамлу накли борро дар мухлати мукарраргарда, дар асоси тартиби пешбининамудаи оинномахо ва кодексхои наклиёт ба ичро расонад. Дар сурати мавчуд набудани чунин мухлатхо, дар мухлати муносиб ба махалли тайинот борро расонад.

Мазмуни шартномаи хамлу накли борро хукуку ухдадорихои тарафхо ташкил медихад. Борбардори ва борфарори аз чониби ташкилоти наклиёти ё борфиристанда (боргиранда) тибки тартиби пешбининамудани шартнома, бо риояи коидахои мукаррарнамудаи оинномахо, кодексхои наклиёт ё дигар коидахои дар асоси онхо кабулгардидида анчом дода мешавад (б . 2 м. 811 КГ). Ухдадори оиди борбардори ва борфарори дар байни иштирокчиёни ухдадории хамлу накли бор вобаста аз махалли борбардори буда, ташкилотхои наклиёти мустакиман дар чойхои дасраси умум борбардори ва борфарори ичро мекунанд таксим карда мешавад.

Борбарори ва борфарори тавассути кувва ва вобастахои борфиристанда (боргиранда) бояд дар мухлатхои дар шарнтнома пешбинигардида ва агар чунин мухлатхо муайян карда нашуда бошанд, тибки оинномахо, кодексхои наклиёт ё дигар коидахо дар асоси онхо баровардашуда, анчом дода шаванд (б.3м. 811 КГ).

То чои муайян бурда расонидани бор ухдадории асосии боркашон мебошад. Бурда расонидани бор на танхо маънои саривакт расонидани борро дорад. Ба ин маъно, дарконунгузории наклиёти, инчунин таъмини нигахдошти борро низ мефахмонанд.

Бо доду гирифти бор ичроиши шартномаи хамлу накли бор ба итмом мерасад. Боре, ки ба сурогаи дахлдор бурда расонида шудааст, бояд аз чониби боргиранда кабул карда шавад. Е ин ки дар мавридхои муайя, аз махалли истгох (бандар) бароварда шавад. Ин ухдадории боргиранда мебошад.

Аз ин руи коидахои умуми хамлу интиколи бор асосан бо ичроиши ухдадорихои наклиёти, ки аз мазмуни шартномаи хамлу накли бор бармеояд, ба амал меояд. Вале бастани шартномаи мазкур заминахои ташкили низ дорад. Ин заминахо дар харакатхои мутаносиби тарафхо ифода меёбад: боркашон вазифадор аст, ки вобастахои наклиёти коршоями барои интиколи бори дахлдор муносибро фарохам орад; борфиристанда бошад, борро барои борбардори ва хамлу накл пешкаш намояд.

Заминахои ташкилии шартномаи хамлу накли бор чунин шаклхои хукуки доранд: 1)дархост дар наклиёти рохи охан, бахри, автомобили ва хавои; 2) шартнома дар барои ташкил намудани халму накли бор да хамагуна намуди наклиёт; 3)санадхои маъмурии ба накшагирии хамлу накли бор, дар холатхое, ки конунгузории наклиёти пешбини кардааст.

Аз руи низоми дархост, борфиристандаба боркашон итилоотро оид ба талаботи у дар хамлу накл пешкаш менамояд. Дар наклиёти рохи охан ва дарёи махсусан дархостхои хар як дахруза маълум аст. Дар радифи интиколи бор дархости борфиристанда ба хамлу накл хусусияти самаранок истифода бурдани имкониятхоро инъикос мекунад. Вале дархости борфиристанда дар хамлу накли бор оферта дониста намешавад.

Шартнома дар бораи ташкил намудани хамлу накли бор мувофики и. 817 м КГ баста мешавад.Аз руи ин меъёри хукуки боркашон ва молики бор хангоми зарурат анчом додни хамлу накли мунтазам метавонанд оид ба ташкили хамлу накл шартномахои дарозмуддат ба имзо расонанд.

Тибки шартнома оид ба ташкили хамлу накл боркашон вазифадор мешавад, ки дар мухлати муайя молро кабул кунад ва молики бор бошад, чихати интикол борро дар хачму, кайди шаршуда пешниход намояд. Дар ин шартнома хачм, мухлат ва дигар шартхои фарохам овардани воситахои наклиёти ва пешниходи бор чихати интикол, тартиби хисоббаробаркуни, инчунин шартхои дигари ташкили хамлу накл муайян карда мешаванд.

**ҶС3. ХУСУСИЯТХОИ НАМУДХОИ АЛОХИДАИ ШАРТНОМАХОИ ХАМЛУ НАКЛИ БОР.**

Хамлу накли бор тавассути рохи охан. Вакте Ки дар муносибатхои хамлу накл сухон дар бораи рохи охан меравад, дар ин маврид рохи охан хамчун яке аз намудхои алохидаи наклиёт фармуда мешавад. Рохи охан дар ЧТ ва дигар кишвархои дуру наздик яке аз сохахои батанзимдарории давлатии монополияхои табии буда, объекти хукики моликияти давлати мебошад.

Дар мавриди хамлу накди бор тавассути рохи охан сухан аз мавзуи фаъолияти рохи охан хамчун ташкилоти наклиёти меравад. Рохи охан дар ухдадории хамлу накл ба сифати чунин ташкилоте баромад менамояад, ки аз чихати ташкили-хукуки корхонаи вохиди давлати мебошад. Идоракунии сохавии рохи охан бе восита аз чониби Вазорати вазорати наклиёт ва коммуникатсияи ЧТ ба амал оварда мебошад.

Хамлу накли бор дар рохи охан азруи борхат ба расмият даровварда мешавад. Борхат аз лахзаи интиколи бор то расидани у ба махалли тайиншуда дар муносибати хамлу накл карор дошта, баъдан якчоя бо бор ба боргиранда супорида мешавад. Ахамияти борхат дар муносибати хамлу накл ва умумн гардиши моли чунин аст: 1) вай шакли хатмии шартномаи хаттие мебошад, ки мувофики он хамлу накли бор ва ухдадорихои тарафайн дарк карда шудааст; 2) далели хукукмукарраркунандае аст, ки алокахои молию пулии байни боркашон ва борфиристандаро инъикос мекунад;3) дар холати хукуквайронкуни аз чониби рохи охан ба шахси манфиатдор хукуки эътироз ва даъво оид ба боркашони медихад.

Шартномаи хамлу накли бор тавассути рохи охан вакте басташуда донист мешавад, ки агар бор бо борхаташ ба боркашон супорида шавад. Боркашон ба борхат нишона гузошта, ба шаходати кабули бор ба борфиристанда квитансияи борро медихад. Квитансияи бор далели он мебошад, ки хамлу накли бор асоси хукуки дошта ва дар холати гум шудани бор ва боромили хукукии хукукмукарраркунанда мебошад. Ба сифати дигар хуччатхои хамлу накли бор, инчунин ведомости рох, ва ракаи вагон, ведемости тахвилдихи хангоми хамлу накли мустакими омехта дохил мешаванд.Хуччатхои зикргардида хусусияти хуччатхои бахисобгирии ибтидоиро дорои, дошта ахамияти далели хатти мебошад.

Тарифхои хамлу накли бор дар асоси бучети давлати, сиёсати давлатии нарх ва тарифхо дар нисбати монополистхои табии мукаррар карда мешаванд. Кор ва хизматрасонихои иловагии рохи охан дар асоси нархxои шартномави пардохт карда мешавад. Пардохти хамлу накли бор аз чониби борфиристанда дар истгохи боркаши бояд гузаронида шавад. Ичро нашудани чунин ухдадории пули, мувофики онро ЧТ боиси чаримапардози мегирад. То ичроиши ухдадории пули аз чониби борфиристанда интиколи бор боздошта мешавад. Гайр аз ин, рохи охан аз хамагуна чавобгари вобаста аз надодани воситахои наклиёт, то лахзаи пардохт намудани хакки боркашони озод мебошад.Барои нигохубини аз меъёр зиёдаи бор дар нисбати борфиристанда руёниши чарима ба амал оварда

мешавад.Хисоба хотимави барои хамлу накли бор, агар дар шартнома пешбини гардида бошад, бо боргиранда ба амал оварда мешавад.

Рохи охан ухдадор аст, ки  борро ба махалли тайиншуда ва дар мухлати мукарраргардида бурда расонад. Дар рохи охан хамлу накли оддии бор ва бо суръати баланд вучуд дорад. Инчунин хамалу накли мусофиркашони  тавассути катора ва багоч хизматрасони карда мешавад. Мухлати расонидани бор аз 24 соати рузи кабули он барои хамлу накл хисоб карда мешавад. Агар бор пеш аз рузи борбардори кабул шуда бошад, он  гох аз 24 соат рузи борбардори мухлати расонидани он ба хисоб гирифта мешавад. Бор дар мухлати мукарраршуда расонида  эътироф мешавад, агар бор дар истгохи тайиншуда бо истифода аз воситахои рохи охан фароварда шавад, ё ин ки  вагон (контейнер)  то ба охир расидани мухдати расонидани бор аз руи воситхои боргиранда аз бор холи карда шавад. Дар мавриди боздоштани борхоликуни, вобаста аз холатхое, ки  ба боргиранда дахл дошт, бор дар вакташ расонида дониста мешавад, агар вай ба истгохи тайиншуда то ба охир расидани мухлати боркаши расонида шуда бошад. Аз руи холатхои муайян мухлатхои пешбинишуда мумкинаст, ки дароз ё кутох карда шаванд.

Ҳмлу накл дар наклиёти дохили оби. Дар  наклиёти дарёи хамлу накл аз руи флоти худгард, гайрихудгард, инчунин ба воситаи киштигардии дарё-бахр ба амл оварда мешаванд. Илова бар ин, хамлу наклимустакими омехта ва махалли  вучуд  дорад.Хамлу накли махалли аз чониби флоти бандар ичро карда мешавад.Дар хамлу накли махалли  боркашон  факат  бандар  шуда метавонад.Дармавридхои дигар  бошад, бевосита худи ташкилоти  наклиёти дарёи хизматрасониро ба амал меорад.

Низоми хуччатхо, ахамияти хукукии онхо ва тартиби бастани шартномахо дар  наклиёти дарёи, кариб ки бо хамлу накл  дар рохи охан  монандии пурра доданд. Хатто масоили ичроиши дутарафаи ухдадорихо як хел хал  карда мешаванд. Дар бораи ин фаркиятхо низ дида  мешаванд. Пеш аз хама, дар хамлу накли дарёи мухлати кабули бор барои боркашони мукаррар шудааст. Агар расонидани бор ба чое тайин шудааст, ки дар он чо ташкилоти наклиёти дарёи иншооти зарурии нигахдори надорад, вале боргиранда аз ин хол огох  гардидаю барои гирифтани бор пайдо ншавад, дар ин маврид аз хисоби боргиранда боркашон борро ба чое мебарад, ки иншоотхои  хуби нигахдори доранд. Дар холате ки боркашон имконияти  ичро намудани ин корро надорад, вай ухдадор аст, ки борфиристодаро  аз холатхои ногувори расонидани бор огох  карда, аз у рохи халли масъалаи хамлу накли борро талаб менамояд. Барои бекористии кишти дар интизории борбардори  ва борфарори, инчунин интизории амри борфиристанда, аз у чарима борои бекористи руёнида мешавад. Дар мавриди расонидани бор ба махалли дигар бошад, тамоми харочот аз хисоби борфиристанда пардохта  мешаванд.

Хамлу накли  бахри. Хомлу накли бахри ба намудхои зерин тасниф мешавад. 1)  Хамлу накли дохили, байни бандархои як бахр (дар каботажи хурд );  2) хамлу накли  дохили, байни бандрхои бахрхои гуногун (дар каботажи калон ); 3) хамлу накл дар алокаи

беруна.  Инчунин хамлу накли  махалли дар доираи бандар ва китъаи  у вучуд дошта метавонад.

Хамлу накли бахри ба тарики анъанави  бо меъёрхои диспозитиви ба танзим даровардa шуда, шартнома дар ин маврид ахамияти хоса пайдо кардааст. Ба сифати боркашон ташкилоти наклиёти бахри, дар баъзе холатхо  бандар баромад мекунад. Шартномаи хамлу накли бахри  аз руи шартхои зерин баста

мешавад: 1) аз руи шарти пешкаш кардани худи киштӣ ва ё як кисми он; 2)бе чунин шартхо. Аз руи шарти якум шартномаи чартер баста мешавад, ки мувофики он яке аз тарафхо - сохиби киштӣ ухдадор мешавад, ки ба тарфи дигар (фрахтакунанда, борфиристанда) ба таври пулакӣ пурра ё як кисми хомлу накли бор, як ё якчан васоити наклиётро барои як ё якчанд рейс чихати хамлу накли мусофир, бор ва багоч чудо кунад. Дар мавриди шарти дуюм, шартномаи хамлу накли бахрӣ аз руи коносамент ба расмият дароварда мешавад.

Одатан, чартер аз руи хамлу наклу боркашонии калон ва коносамент бошад, аз руи гардиши боркашонии хурд ба расмият дароварда мешавад.

Хамлу накли хавои. КХ хамлу накли хавоироба хамлу накли дохили ва байналхалкичудо менамояд. Дар хамлу накли дохили чои нишасти васоити наклиёти хавои дар каламрави ЧТ карор дорад. Дар хамлу накли байналхалкии хавои бошад, ичроиши ухдадории наклиётро бе нишасти киштии хавои дар каламрави далати бегона тасаввур кадан имкон надорад. Зиёда аз ин, дар хамлу накли хавои хамлу накли махалли, мустаким ва транзити чой дорад.

Дар муносибатхои хамлу накли хавои ашхоси гуногун ба монанди корхонахои авиатсиони, истифодабарандагони киштихои хавои ва боркашонро дидан мумкин аст. Корхонаи авиатсони, пеш аз хама шахси хукукие мебошад, ки хамагуна фаъолиятро дар сохаи хамлу накли хавои ёичро намудани корхои авиатсиониро мувофики ичозатномаи дахлдор ба амал оварда метавонанд. Истифодабарандаи киштии хавои-шахси чисмони ё хукукие мебошад, ки аз руи ичозатномаи дахлдор ва шартномахо ба накли хавои машгул аст.

Шартномахои мазкур аз руи ба расмият даровардани борхатхо (боркашони ва бимави) баста мешаванд. Ин борхатхо аз чониби борфиристанда тартиб дода шуда ва бевосита худи борфиристанда аз руи хакики будани иттилооти моли борхат чавобгу мебошад. Дар баробари ин, хамлу накли хавои аз тартиби чартери киштихои хавои бо бастани шартномахои чартери истифода мебарад Табиати хукукии чунин шартномахои аз руи м. 807 КГ муайян карда мешаванд.

Хамлу накли автомобили. Дар наклиёти автомобили хамлу наклро аз руи аломати минтакави ба намудхои зерин чудо кардан мумкин аст: 1) шахри, яъне хамлу накл. дар худуди шахри, махалли ахолинишини дигар; 2) наздишахри, берун аз худуди шахр, махалли ахолинишини дигар, дар масофаи то 50 км; 3) байнишахри, берун аз худуди махалли ахолинишини шахри, дар масофаи зиёда аз 50 км; 4) байналхалки.

Хамлу накли автомобили, инчунин ба навъхои марказонидашуда ва гайримарказонидашуда чудо менамоянд. Дар хамлу накли марказонидашуда ташкилоти наклиёти автомобили аз руи як шартнома бо борфиристанда (махсулотсупоранда, ё ин ки нуктаи ташаккулёбии бор – истгох, бандар ва гайра) ва фаромуши у, бор ба махсулоткабулкунанда расонида мешавад. Мувофики хамлу накли гайримарказонидашуда бошад, ташкилоти наклиёти автомобили бо хар як махсулоткабулкунанда шартнома баста ва аз руи супориши онхо борро мерасонад.

Супоридани бор барои хамлу накл, бо ба расмият даровардани ботхати моли-наклиёти анчом дода мешавад. Чунин борхат шакли шартномаро дошта, хамчун дар наклиёти рохи охан функсияи якхеларо ба амал меорад. Хамлу наклу бори якхела аз як борфиристанда ба сурогаи як боргиранда ба як масофаи рох мумкин аст, ки дар санади ченкуни ё санади баркашидани хачми умумии хамлу накл аз чониби автомобили дар давоми

баст ба расмият даровварда шавад. Истифодаи автомаби бо пардохти музди хизматрасонии вай аз руи тарифхои вактбаъи сафари расми карда мешавад.

Андозаи музди хизматрасонии боркашон дар шартнома, мувофики тарифхои амалкунанда ё бо дигар воситахои хисобкуни мукаррар карда мешавад. Хисоббаробаркуни аз чониби фармоишгари наклиёти автомобили ба амал оварда мешавад.

Мухлати расонидани бор факат дар хамлу накли байналхалки, аз 24 соати рузи кабули бор ва гирифтани музди хизматрасони муайян карда шуда, аз руи фармоишхои таъчили – аз лахзаи кабули бор ва музди хизматрасони хисоб карда мешавад.

**4.ЧАВОБГАРИИ МОЛУМУЛКИ ДАР ШАРТНОМАХОИ ХАМЛУ НАКЛ**

**Дар холатхои ичро накардан ё ичрои номатлуби ухдадорихо вобаста ба хамлу накл тарафхо дорои чавобгарии дар КГ , оинномахо, кодексхои наклиёти ва инчунин дар созишномахои тарафхо пешбинишуда мегарданд (б. 1м. 813 КГ).**

**Чавобгарии хукуки граждани аз руи холатхои ичро накардаи ё ичрои номатлуби ухдадорихо вобаста ва хамлу накл хусусиятхои зерин дорад. Пеш аз хама, вай ба чавобгарии махдуд мансуб буда, дар мукоиса бо холатхои умумии чавобгари хукуки чабрдидаро оид ба пурра руёнидани зарар махдуд месозад. Ин махдудият дар нисбати ба инобат нагирифтани даромади бадастнаомада ва хатто як кисми зарари вокеи равона шудааст.Зиёда аз ин, чунин чавобгари аз бисёр чихат яктарафаи меъёри мебошад**

**Шартномаи экспедитсияи наклиёти**

Дар хамлу накли бор зарурат ба хизматрасонии иловаги ба вучуд меояд, ки он хамчун экспедитсияи наклиёти эътироф шудааст. Экспедитсияи наклиёти хамчун мачмуи хизматрасонихои иловаги тибки шартнома ба амал оварда мешавад. Мувофики он экспедитор ухдадор, мешавад. ки бо пардохти подошпули ва аз хисоби мизочон (борфиристанда ё боргиранда) хизматрасонии вобаста ба боркашониро, ки дар шарномаи экспедитсия муайян гардидааст, ичро ё ташкил намояд.

Дар шартномаи экспедитсия метавонад ухдадории экспедитор дар мавриди боркашони тавассути наклиёт ва ба самти харакате, ки экспедитор ё мизоч интихоб намудаанд, ухдадории экспедитор дар мавриди аз номи мизоч ё аз номи худ бастани шартнома (шартномахо) - и боркашони, таъмини фиристодан ва гирифтани бор, инчунин дигар ухдадорихои вобаста ба хамлу накл пебини карда шаванд.

Дар шартномаи экспедитсия ба сифати хизматрасонии иловаги анчом додани чунин амалиётхои барои боркашони мухим, ба монанди гирифтани хуччатхои барои воридот ва содирот зарури, ичрои расмиёти гумруки ва дигар расмиёт, санчиши теъдот ва холати бор, борбардори ва борфарори, партохти бочу хироч ва дигар харочотхое, ки ба зиммаи борфиристанда (боргиранда) гузошта мешавад, нигахдошти бор, гирифтани он дар махалли тайинот, инчунин дигар амалиёт дигар ва хизматрасони пешбини карда шуданаш мумкин аст (б. 2 м. 821 КГ).

Шартномаи экспедитсия дутарафа ва музднок аст. Вай метавонад консенсуали бошад, агар экспедитор факат хизматрасонии экспедиториро ба амал оварад. Дар он маврид, ин шартнома характери реалиро мегирад, агар

хизматрасонии экспедитор дар алокаманди бо гирифтан ва нигахдошти бор ба чо оварда шавад.

Шартномаи экспедитсияи наклиёти дар шакли хатти баста мешавад.

Борфиристанда (боргиранда) бояд ба экиспедитор ваколатнома дихад, агар он барои ичрои ухдадорихои ё зарур бошад (м. 822 КГ).

Ба сифати тарафхои шартномаи мазкур мизоч ва экспедитор баромад менамоянд. Мизоч шахсе мебошад, ки ба хизматрасонии экспедитсияи наклиёти зарурат дорад. Экспедитор шахсе мебошад, ки хамчун яке аз тарафхои шартнома хизматрасонии экспедиториро ичро менамояд.

Мизоч ухдадор аст, ки ба экспедитор хуччатхо ва дигар иттилоотро оид ба сифати бор, шартхои хамлу накли он, инчунин дигар иттилоотро, ки ба экспедитор барои ичрои ухдадорихои дар шартнома пешбинишуда зарур аст, пешниход намояд.

Экспедитор дар навбати худ ухдадор аст, ки ба мизоч дар бораи камбудихои ошкоршудаи иттилооти гирифташуда ва дар сурати номукаммал будани иттилоот аз мизоч иттилоотхои иловагии заруриро талаб намояд. Дар сурати аз чониби мизоч фарохом наовардани иттилооти зарури экспедитор хукук дорад, ки то пешниходи чунин иттилоот ба ичрои ухдадорихои дахлдор шуруъ накунад.

Мизоч барои зарари ба экспедитор расонидашуда вобаста ба вайрон кардани ичрои ухдадории пешниходи иттилоот чавобгар мебошад

Агар аз шартномаи экспедитсия ухдадории экспедитор оид ба шахсан ичро намудани ухдадори барнаояд, экспедитор хукук дорад, ки барои ичрои ухдадорияш ашсоси дигарро чалб намояд.

Вогузоштани ичрои ухдадорихо ба зиммаи шахси сеюм экспедиторро аз масъулияти ичрои шартнома дар назди мизоч озод намекунад (м. 825 КГ).

Барои ичро накардан ё ичрои номатлуби ухдадорихо оид ба экспедитсияи наклиёти экспедитор тибки асосхо ва андозае, ки боби КГ ЧТ муайян кардааст, чавобгар мебошад.

Агар экспедитор исбот карда тавонад, ки вайрон кардани ухдадорихо бо сабаби ичрои номатлуби шартномаи хамлу накли бор рух додаст, чавобгарии экспедитор дар назди борфиристанда (боргиранда) тибки коидахо монанде, ки мутобики онхо экспедитор дар назди боркашон дахлдор чавобгар аст, мукаррар карда мешавад.

Мизоч ё экспедитор хукук дорад, ки бо огох кардани хамдигар аз ичрои шартномаи экспедитсия дар давоми ду хафта даст кашад.

Тарафе, ки раддия пешниход намудааст, бояд ба тарафи дигар зарари вобаста ба катъи шартнома расонидашударо чуброн намояд.

**Муаллими калони кафедраи фанҳои**
**ҳуқуқӣ граждании Академияи ВКД**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**капитани милитсия Раҳимзода А.Р.,**